ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ФИЛИАЛИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ»

# ҲИСОБОТИ ФАЪОЛИЯТИ ФИЛИАЛИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ» ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ ДАР СОЛИ 2023

*Душанбе – 2023*

**ФАЪОЛИЯТИ ФИЛИАЛИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ» ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ ДАР СОЛИ 2023**

## МАЪЛУМОТИ УМУМӢ

Филиали Донишкада дар шаҳри Душанбе дар давраи ҳисоботӣ тибқи дастуру супоришҳо, фармоиш ва қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯрои олимони Муассисаи давлатии "Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф", дастуру супоришҳо ва фармоишҳои Раиси шаҳри Душанбе, Нақшаи тақвимии курсҳои такмили ихтисос ва курсу семинарҳои махсус барои соли 2023, Нақшаи фаъолияти филиали Донишкада дар шаҳри Душанбе сармашқи фаъолияти худ қарор дода, дар ҳамкорӣ бо Сарраёсати маориф ва шуъбаҳои маорифи ноҳияҳои шаҳри Душанбе дар амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба роҳ мондааст.

Дар шароити имрӯза тағйир додани низоми таҳсилот ва ба талаботи рӯз мутобиқ намудани он амри воқеист. Доштани дониш оид ба соҳаҳои гуногуни илм барои маълумотнок гаштан кифоя набуда, татбиқи амалии донишҳо, истифодаи технологияҳои муосир ва эҷодкорӣ муҳим аст, ки ба баланд шудани некӯаҳволии мардум ва пешрафти ҷомеа мусоидат менамояд.

Омӯзиши методикаи таълим яке аз ҷиҳатҳои асосии раванди тадрис дар соҳаи маориф ва таълимгоҳҳо маҳсуб мегардад. Омӯзгорони фаннӣ маҳз тариқи истифодаи роҳу усулҳои наву замонавии дарсҳо дар таълими барномаи фаннӣ вобаста ба таҷрибаи корӣ, истифодаи малакаву маҳорати касбӣ ва адабиётҳои илмиву методӣ метавонанд ба ҷараёни дарс мазмун ва муҳтавои тоза бахшанд.

Дар пешрафти фаъолият ва иҷрои нақшаву барномаҳои таълимии филиали Донишкада дар шаҳри Душанбе саҳми Сарраёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳри Душанбе дар ташкил ва фарогирии курсҳои такмили ихтисоси директорони муассисаҳои таълимӣ, мудирони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, муовинони директор оид ба корҳои таълим ва тарбия, омӯзгорони фаннӣ, мураббияҳои кӯдакистонҳо хеле босазост.

Бинобар ин, ҳайати профессорону омӯзгорони филиали Донишкада дар шаҳри Душанбе тамоми имконият ва нерӯи зеҳнии худро дар роҳи таъмини сифати таҳсилот, сайқал додани дониш ва маҳорати касбии омӯзгорон, омӯзиши самараноки талаботи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш ва таълиму тарбияи насли навраси кишвар дар руҳияи созандагӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои милливу умумибашарӣ сафарбар менамоянд.

Дар давраи ҳисоботӣ Шуъбаи кадрҳо ва котибот фаъолияти худро дар асоси Нақшаи кории тасдиқгардида ба роҳ монда, иҷрои корҳои зеринро ба сомон расонидаанд. Дар соли 2023 дар ҷаласаҳои Шурои олимони ДҶТИБКСМ 2- масъала, дар ҷаласаҳои Шӯрои илмӣ-методии филиал 35 - масъала, дар маҷлисҳои назоратии назди директор 39 - масъала бо иштироки мудирони шуъба ва кафедраҳо ташкил ва баргузор гардид. Филиали Донишкада дар шаҳри Душанбе дар давраи ҳисоботӣ оид

ба масъалаҳои мухталиф **54** мактуб ворид гардида, **65** мактуб ба вазорату идораҳои дахлдор содир карда шудааст.

## ЗАМИНАИ МОДДӢ-ТЕХНИКИИ ФИЛИАЛИ ДОНИШКАДА ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

Тибқи қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 26.12.2017, №811 бино, иншоот ва амволи ФМ ДДҶТИБКСМ дар шаҳри Душанбе ба тавозуни “Муассисаи давлатии Маркази технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе” гузаронида шудааст.

Филиали Донишкада дар шаҳри Душанбе дорои 8- адад синфхонаҳои таълимӣ (5-синфхона бо таҷҳизот ва лавозимотҳои зарурӣ (химия, таҳсилоти ибтидоӣ, технологияи меҳнат барои (писарон ва духтарон) инчунин синфхонаи инклюзивӣ ва 6-адад кабинети корӣ барои фаъолияти кормандон вуҷуд дорад.

Синфхонаҳои таълимӣ бо 16 адад компютерҳои замонавии пайваст ба шабакаи интернет ва барномаҳои антивирусӣ, 8 адад ноутбук, 8 адад проектор, 2 адад тахтаи электронӣ, 7 адад экран, 10 адад принтер, 5 адад тахтаи филипчатӣ ва 3 адад тахтаи маркерӣ муҷҷаҳаз мебошад.

## ИҶРОИ НАҚШАИ ТАҚВИМИИ КУРСҲОИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ДАР СОЛИ 2023

Шуъбаи таълим дар давраи ҳисоботӣ фаъолияташро дар асоси Нақша ва чорабиниҳои таҳиягардидаи маъмурияти филиали Донишкада дар шаҳри Душанбе ба роҳ монда, дар амалӣ намудани Нақшаи тақвимии курсҳои такмили ихтисос ва курсу семинарҳои махсус барои соли 2023, ки дар Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз 30.11.2022, № 10/5 мувофиқа карда шуда, бо формоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.12.2022 №1700 тасдиқ гардидааст, саҳмгузор мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ тибқи Нақшаи тақвимии курсҳои такмили ихтисос дар филиал **74 (иҷро 88)** курсҳои баландбардории маҳорати касбии омӯзгорон ва кормандони муассисаҳои таълимӣ бо фарогирии **1850** (иҷроиш **1965**) нафар шунаванда ташкил ва баргузор карда шуданд, ки он 106 **%** -и иҷрои нақшаро ташкил медиҳад. Иловатан аз ҳисоби муассисаҳои типи нав 2 гурӯҳи ғайринақшавӣ бо фарогирии **53** нафар шунавандагон ба раванди таълим ҷалб гардидаанд, ки дар умум **109%** иҷрои нақшаи фарогириро ташкил медиҳад. Натиҷаи иҷрои нақшаи тақвимии курсҳои такмили ихтисос дар соли 2023 дар ҷадвали №1 оварда шудааст.

| № | Номгӯи фанҳо | Теъдоди курсҳо | | Теъдоди фарогирӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | нақша | иҷро | нақша | Иҷро | % |
| 1 | Роҳбарони синфҳои 10 ва11 | 3 | 3 | 75 | 60 | 80% |
| 2 | Омӯзгорони фанни забон ва адабёти русӣ | 2 | 3 | 50 | 65 | 130% |
| 3 | Омӯзгорони фани забон ва адабиёти тоҷик | 2 | 2 | 50 | 52 | 104% |
| 4 | Омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ (гурӯҳи тоҷикӣ) | 7 | 8 | 175 | 207 | 118% |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 | Омӯзгорони фанни физика | 1 | 1 | 25 | 23 | 92% |
| 6 | Роҳбарони итиҳодияҳои методии фанҳои гуманитарӣ | 1 | 1 | 25 | 20 | 80% |
| 7 | Омузгорони фанни таърихи Дин | 1 | 1 | 25 | 20 | 80% |
| 8 | Омузгорони фанни химия | 1 | 1 | 25 | 20 | 80% |
| 9 | Омӯзгорони фанни математика | 2 | 2 | 50 | 52 | 104% |
| 10 | Роҳбарони синфҳои 5 ва 9 | 3 | 3 | 75 | 62 | 82% |
| 11 | Омӯзгорони фанни забони англисӣ | 2 | 2 | 50 | 62 | 124% |
| 12 | Сармуҳосибони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ | 1 | 1 | 25 | 21 | 84% |
| 13 | Омӯзгорони синфҳои ибтид ой (гурӯҳи русӣ) | 2 | 2 | 50 | 50 | 100% |
| 14 | Роҳбарони созмони хонандагон | 2 | 2 | 50 | 43 | 86% |
| 15 | Омӯзгорони фанни технологияи (таълими меҳнат) | 2 | 2 | 50 | 53 | 106% |
| 16 | Роҳбарони итиҳодияи методӣ роҳбарони синф | 1 | 1 | 25 | 20 | 80% |
| 17 | Омӯзгорони фанни суруд ва мусиқии МТМУ | 1 | 1 | 25 | 20 | 80% |
| 18 | Омӯзгорони фанни таърих ва ҳуқуқ | 2 | 2 | 50 | 40 | 80% |
| 19 | Омӯзгорони фанни экология | 1 | 1 | 25 | 22 | 88% |
| 20 | Китобдорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ | 1 | 1 | 25 | 20 | 80% |
| 21 | Омӯзгорони фанни саънати тасвири ва нақшакашӣ | 1 | 1 | 25 | 20 | 80% |
| 22 | Роҳбарони итиҳодияҳои методии фанҳои табиӣ-риёзӣ | 1 | 1 | 25 | 20 | 80% |
| 23 | Омӯзгорони фанни алифбо ва матни ниёгон | 1 | 1 | 25 | 22 | 88% |
| 24 | Омӯзгорони фанни технaлогияи итилоотӣ | 1 | 1 | 25 | 30 | 120% |
| 25 | Омӯзгорони фанни биология | 1 | 1 | 25 | 25 | 100% |
| 26 | Омӯзгорони фанни забони давлатӣ (дар мактабои русӣ) | 1 | 1 | 25 | 26 | 104% |
| 27 | Омӯзгорони фанҳои тарбия ҷисмонӣ ва ибтидои ҳарбӣ | 2 | 2 | 50 | 52 | 104% |
| 28 | Омӯзгорони фанни география | 1 | 1 | 25 | 25 | 100% |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 29 | Омӯзгорони фанни маърифати оиладорӣ | 1 | 1 | 25 | 25 | 100% |
| 30 | Равоншиносони МТМУ | 1 | 1 | 25 | 25 | 100% |
| 31 | Мураббияои истироҳатгоҳои тобистона | 1 | 1 | 25 | 17 | 68% |
| 32 | Роҳбарони иттиҳодияи методии забони англисӣ | 1 | 1 | 25 | 20 | 80% |
| 33 | Мудирони кабинетҳои лингафонӣ | 1 | 1 | 25 | 25 | 100% |
| 34 | Омӯзгорони фанни асосҳои иқтисодиёт | 1 | 1 | 25 | 15 | 60% |
| 35 | Роҳбарони итиҳодияи методи синфҳои ибтидоӣ | 1 | 1 | 25 | 34 | 136% |
| 36 | Маркази инкишофи кудак | 1 | 1 | 25 | 15 | 60% |
| 37 | Роҳбарони итиҳодияи методи забони русӣ | 1 | 1 | 25 | 25 | 100% |
| **Ҷамъ:** | | **56** | **58** | **1400** | **1353** | **98%** |
| **1** | Директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ | 1 | 1 | 25 | 23 | 92% |
| **2** | Муовинони директор оид ба таълим | 2 | 3 | 50 | 40 | 118% |
| **3** | Муовинони директор оид ба тарбия | 1 | 1 | 25 | 25 | 100% |
| **4** | Муовинони директор оид ба синфҳои ибтидоӣ | 1 | 1 | 25 | 19 | 76% |
| **Ҷамъ:** | | **5** | **6** | **125** | **107** | **117%** |
| 1. | Мудирони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ | 1 | 1 | 25 | 19 | 76% |
| **2.** | Сармураббияҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ | 2 | 2 | 50 | 34 | 68% |
| 3. | Равоншиносони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ | 1 | 1 | 25 | 25 | 100% |
| 4. | Ёварони мураббияҳои муассисаҳои томактабӣ | 3 | 3 | 75 | 85 | 113% |
| 5. | Мураббияҳои муассисаҳои томактабӣ | 4 | 12 | 100 | 302 | 302% |
| 6. | Омӯзгорони фанни суруд ва мусиқии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ | 1 | 1 | 25 | 15 | 60% |
| 7. | Сармуҳосибони муассисаҳои томактабӣ | 1 | 1 | 25 | 25 | 100% |
| **Ҷамъ:** | | **13** | **22** | **325** | **505** | **94%** |
| **Ҳамаги:** | | **74** | **86** | **1850** | **1965** | **106%** |
| **Муасисаҳои хусусии типи нав** | | | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Литсей барои хонандагони болаёқат ва гимназияи №1-и шаҳри Душанбе | - | 1 | - | 32 | 100% |
| **2.** | Менеҷментӣ роҳабаӣ | - | 1 | - | 21 | 100% |
| | **Ҷамъ:** | **74** | **88** | **1850** | **2018** | **109%** |

Натиҷаи теъдоди фарогирии омӯзгорону кормандони соҳаи маорифи ноҳияҳои шаҳри Душанбе дар соли 2023 дар ҷадвали зерин оварда шудааст.

| **№** | **Номгӯи ноҳияҳо** | **Нақша** | **Иҷро** | **%** |
|---|---|---|---|---|
| **1** | Сино | 740 | 794 | 107% |
| **2** | Фирдавсӣ | 370 | 388 | 104% |
| **3** | И. Сомонӣ | 370 | 390 | 105% |
| **4** | Шоҳмансур | 370 | 393 | 106% |
| **Ҳамагӣ:** | | **1850** | **1965** | 106% |

Бо назардошти Нақшаи тақвимӣ баъд аз хатми ҳар як курси такмили ихтисос шунавандагон дар нуктаҳои электронии итилоотӣ тестҳои санҷишӣ супорида, баъд аз натиҷаи ҷавобҳои мусбӣ соҳиби намунаи ҳуҷҷатҳои расми давлатӣ шаҳодатнома мегарданд.

Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе шабакаи умумиҷаҳонии Интернет сомонаи худро таъсис додааст. Натиҷаи фаолият ва раванди баргузории курсҳои такмили ихтисос дар филиал бо тариқи саҳифаи Фейсбуки дарҷ мегарданд.

**САТҲИ ТАҲСИЛОТ ВА ТАХАССУСИ ШУНАВАНДАГОНИ КУРСҲОИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ДАР СОЛИ 2023**

| **Теъдоди умумиишунавандагон** | | **Ҷинс** | | **Таҳсилот** | | | **Собиқаи корӣ** | | | **Дараҷаи Тахасус** | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Нақша** | **Иҷро** | **Мард** | **Зан** | **Олӣ** | **Олии нопурра** | **Миёнаи Махсус** | **Аз 1 то 5** | **Аз 6 то 15** | **Аз 16 боло** | **олӣ** | **1** | **2** | **Умумӣ** |
| **1850** | **1965** | **1276** | **689** | **1088** | **561** | **316** | **552** | **964** | **449** | **854** | **481** | **328** | **302** |

## ФАЪОЛИЯТИ КАФЕДРАҲОИ ФИЛИАЛИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ» ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

Дар филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар шаҳри Душанбе ду кафедра “Кафедраи методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ” ва “Кафедраи методикаи таълми фан дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ” фаъолият доранд.

**КОНФЕРЕНСИЯ ВА МИЗҲОИ МУДАВВАР**

| **№** | **НОМГӮИ ЧОРАБИНИҲО** | **теъдоди семинар** | | **теъдоди шунавандагон** | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | **нақша** | **иҷро** | **нақша** | **иҷро** |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Баргузории мизи мудаввар бахшида ба рӯзи Артиши миллӣ дар мавзуи “Рушди Артиши миллӣ дар даврони Истиқлолият” | 1 | 1 | 50 | 60 |
| 2. | Баргузории мизи мудаввар бахшида ба рӯзи модар дар мавзуи «Модар-сарчашмаи меҳру сафо» | 1 | 1 | 50 | 55 |
| 3. | Баргузории Конференсияи илмӣ бахшида ба ҷашни Наврӯз дар мавзуи «Наврӯз наҷотбахши миллат ва эҳёгари идҳои миллӣ» | 1 | 1 | 80 | 85 |
| 4 | Баргузории мизи мудаввар бахшида ба илм дар мавзуи “Нақши курсҳои такмили ихтисос дар баланд бардоштани сифати таҳсилот” | 1 | 1 | 50 | 55 |
| 5 | Баргузории мизи мудаввар бахшида ба таҷлилӣ Рӯзи Пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи “Душанбе-шаҳри ормонҳо” | 1 | 1 | 50 | 45 |
| 6 | Баргузории мизи мудаввар бахшида ба рӯзи Ғалаба дар “Ҷанги Бузурги Ватанӣ бар фашизми гитлерӣ” дар мавзӯи “Тоҷикистон дар даврони Ҷанги бузурги ватанӣ” | 1 | 1 | 50 | 48 |
| 7 | Баргузории Конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба рузӣ Ваҳдати милӣ дар мавзӯи “Ваҳдати милӣ – сарчашмаи ягонагии миллат” | 1 | 1 | 50 | 55 |
| 8 | Баргузории Конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ дар мавзуи “Истиқлол – дастоварди пурарзиши миллат” | 1 | 1 | 50 | 50 |
| 9 | Баргузории мизи мудаввар бахшида ба Рӯзи омӯзгор дар мавзуи “Баланд аст аз фалак шони муаллим” | 1 | 1 | 50 | 50 |
| 10 | Мизи мудаввар бахшида ба Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи “Забон муҳимтарин рукни давлатдории миллӣ” | 1 | 1 | 50 | 50 |
| 11 | Конфренсия бахшида ба Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон-бахтномаи миллати тоҷик | 1 | 1 | 50 | 50 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 12 | Мизи мудаввар бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи “Президент-ҳомӣ ва пуштибони миллати тоҷик” | 1 | 1 | 50 | 50 |
| 13 | Ташкил ва баргузор намудани Конфренсия бахшида ба Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи “Парчами ҷумҳурӣ - мояи ифтихори миллӣ” | 1 | 1 | 50 | 48 |
| 14 | Баргузории мизи мудаввар бахшида ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар мавзуи “Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак – санади ҳуқуқи байналмилалӣ аст” | 1 | 1 | 50 | 48 |
| **Ҳамагӣ:** | | **8** | **8** | **420** | **453** |

Тибқи нақшаи фаъолияти филиали Донишкада дар шаҳри Душанбе таърихи 24 - уми феврали соли 2023 дар филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе ба муносибати 30-солагии таъсисиёбии қувваҳои муасаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар тахти унвони «Рӯзи Артиши миллӣ дар даврони Истиқлолият» бо кормандон ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси филиали Донишкада дар шаҳри Душанбе бо теъдоди 60 - нафар иштирокчиён, чорабинӣ баргузор гардид.

Дар чорабинӣ директори филиали Донишкада дар шаҳри Душанбе Сафарализода С.С., омӯзгори калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ- риёзӣ Маҳмудов Д., мудири кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ Паллаева С.Х, мудири кафедраи методикаи таълми фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ- риёзӣ Файзулобекова М.А., омӯзгори МТМУ № 67 Убайдуллоева Ш., омӯзгори МТМУ №51 Сафарова Н., ва омӯзгори литсей- интернати Президентӣ Усмонов А дар чорабинии мазкур баромадҳо намуданд.

Тибқи нақшаи фаъолияти филиали Донишкада дар шаҳри Душанбе санаи 7-уми марти соли равон мизи мудаввар бахшида ба рӯзи Модар дар мавзӯи “Модар - сарчашмаи меҳру сафо” гузаронида шуд, ки дар он кормандони филиали Донишкада ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисос бо теъдодӣ 55- нафар ширкат варзиданд. Дар кисмати аввали барномаи миззи мудаввар директори филиали Донишкада дар шаҳри Душанбе Сафарализода С.С ҳамаи занон модарон ва иштирокчиёнро ба ин санаи муборак табрик намуда, сипас мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ М.Файзулобекова дар мавзӯи “Сад ҷону дил фидои як муддаои модар”, омӯзгори калони кафедра Бобоҷонова Ҳ., дар мавзӯи “Модар фариштаи умеду орзуҳо”, Қаҳҳоров М.,- омузгори калони кафедра дар мавзуи “Фариштае бо номи модар” маърузаҳо шунида шудаанд. Сипас саҳначаҳо, монологҳо, аллахонӣ ва суханрониҳо аз тарафи шунавандагони курсҳои такмили ихтисос шунида шуд.

Бо фармоиши директори филиали донишкада шаҳри Душанбе аз 17- уми марти соли равон ва тибқи нақшаи фаъолияти филиали Донишкада дар шаҳри Душанбе Конференсияи илмӣ – фарҳангӣ бахшида ба ҷашни Наврӯз дар мавзӯи “Наврӯз-эҳёгари фарҳанги маънавӣ” дар толори муассиса баргузор карда шуд. Дар кори конфронс кормандони филиали Донишкада ва шунавандагони курсҳои такмили

ихтисос бо теъдоди 85- нафар иштирок доштанд. Конференсияи илмӣ бо сухани ифтитоҳии Сафарализода С.С директори филиали Донишкада дар шаҳри Душанбе оғоз гардид. Сипас омӯзгорони филиали Донишкада ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисос атрофи мавзӯи “Наврӯз- эҳёгари фарҳанги маънавӣ” суханрониҳо намуданд.

Дар ҷамъбаст аз тарафи омӯзгорони суруд ва мусиқии МТМУ барномаи фарҳангӣ- фароғатӣ пешкаши ҳозирин гардид.

Тибқи фармоиши директори муассиса моҳи марти соли 2023 миззи мудаввар бахшида ба Илм дар мавзуи “Нақши курсҳои такмили ихтисос дар баланд бардоштани сифати таҳсилот” бо иштироки 24 нафар шунавандагон – директорони муассисаҳои таълимии пойтахт баргузор гардид. Дар қисмати аввали чорабинӣ иҷрокунандаи вазифаи директор – Зарифзода Н. доир ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҷлили Рӯзи илм дар Тоҷикистон маълумоти муфассал дода, сипас, мудири шуъбаи таълими филиал – Ҳусейнов Ф. дар мавзуи “Илми тоҷик, имрӯз ва фардои он” ва директори Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №85-и пойтахт - Қосимова М. дар мавзуи “Нақши курсҳои такмили ихтисос дар баланд бардоштани сифати таҳсилот” маърузаҳо намуданд.

Тибқи Нақшаи фаъолияти филиал санаи 17-уми апрели соли 2023 дар заминаи филиал мизи мудаввар бахшида ба таҷлили Рӯзи пойтахт дар мавзуи “Душанбе –шаҳри ормонҳо” бо теъдоди 27 нафар баргузор гардид. Чорабиниро иҷрокунандаи вазифаи директор – Зарифзода Н бо суханони ифтитоҳӣ кушода, ҳозиринро бахшида ба ин рӯзи фараҳ табрик намуд. Сипас, Маҳмудов Д. – омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ – риёзӣ дар мавзуи “Душанбе шаҳри дилхост” ва Қурбогнова Г. – дотсенти кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ оид ба мавзуи “Душанбе – шаҳри ободон” баромад намуданд.

Санаи 08.05.2023 тибқи фармоиши директори муассиса мизи мудаввар бахшида ба Рӯзи Ғалаби дар мавзуи “Тоҷикистон дар даврони Ҷанги Бузурги Ватанӣ” бо иштироки 33 нафар шунавандагон ва омӯзгорони филиал баргузор гардид. Баъди сухани ифтитоҳӣ ва табрикотӣ аз ҷониби иҷрокунандаи вазифаи директори филиал Зарифзода Н. маърузаҳо доир ба “Саҳми халқи тоҷик дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ” , “9-уми май – Рӯзи Ғалаба” аз ҷониби муаллими калони кафедраи методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ – Маҳмудов Д. ва Раҷабова Хурсандбибӣ – муовини директор оид ба корҳои тарбиявии Муассисаи таълимии №82-и пойтахт ба саҳми ҳозирин расонида шуданд.

Санаи 21. 06. 2023 тибқи фармоиши директори Филиал Конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба рузӣ Ваҳдати милӣ дар мавзӯи “Ваҳдати милӣ – сарчашмаи ягонагии миллат” бо иштироки кормандони кафедраҳо ва 23 нафар шунавандагони курси “Менеҷменти роҳбарӣ” баргузор гардид.

Ҳаминро бояд зикр намуд, ки дар конфренсияи мазкур шунавандагон ба муҳокима баромада оид ба созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ андешаронӣ намуданд.

Санаи 07. 09. 2023 тибқи нақшаи фаъолияти Филиал бахшида ба 32-юмин солгарди ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Истиқлол – дастоварди пурарзиши миллат” бо иштироки маъмурияти Филиал ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисос баргузор гардид. Дар конфренсия маърузачиён омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои

гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ – Маҳмудов Д. Дар мавзуи “Истиқлолияти давлатӣва равандҳои пурихтилофи ҷаҳони муосир”, омӯзори фанни таърихи муассисаи таълимии № 70-и ноҳияи И. Сомонӣ Нурзода Муслиҳиддин дар мавзуи “Нақши истиқлолияти давлатӣ дар рушди давлатдории миллат” ва омӯзгори муассисаи таълимии № 35-и ноҳияи Шоҳмансур Фотеҳова Р дар мавзуи “Меваҳои истиқлол” баромад намуданд.

Баргузории мизи мудаввар бахшида ба Рӯзи омӯзгор дар мавзуи “Баланд аст аз фалак шони муаллим” ва бахшида ба Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи “Забон муҳимтарин рукни давлатдории миллӣ” дар Филиал бо иштироки кормандони шуъбаву кафедраҳои Филиал ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисос баргузор гардид. Ки дар кори он омӯгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ Бобоҷонова Ҳафиза ва Саидова Гулсара дар мавзуҳои “Аз таърихи забони тоҷикӣ” ва “Забон ҳастии миллат” баромад намуданд.

Бахшида ба Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон-бахтномаи миллати тоҷик санаи 4 ноябри соли 2023 мизи мудаввар бо иштироки кормандон ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисос дар мавзуи “Таърихи Коститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” баргузор гардид. Баромадкунанда дар ин мизи мудаввар мудири кафедраи методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ Файзиева Гулчеҳра ва омӯзгори калони кафедра Саидова Гулсара буданд.

Рӯзи 16. 11. 2023 дар Филиал мизи мудаввар бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи “Президент-ҳомӣ ва пуштибони миллати тоҷик” бо иштироки тамоми кормандон ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисос баргузор гардид. Дар мизи мудаввар баомад намуданд; Холова Анора – сармутахассиси шуъбаи таълим дар мувзуи “Дастгириҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф” ва Шарипов Амрулло-мудири шуъбаи кадр ва коргузорӣ дар мавзуи “Президенти мо-ифтихори мо” баромад намуданд.

Дар таърихи 24. 11. 2023 ташкил ва баргузор намудани Конфренсия бахшида ба Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи “Парчами ҷумҳурӣ - мояи ифтихори миллӣ” бо иштироки кормандони шуъбаву кафедраҳо ва курсҳои такмили ихтисос баргузор гардид.

Санаи 11. 12. 2023 баргузории мизи мудаввар бахшида ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар мавзуи “Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак – санади ҳуқуқи байналмилалӣ аст” дар Филиал бо иштроки кормандон ва омӯзгорони кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ ва шунавандагони курси такмили ихтисос бар мавзуи “Кӯдакон ояндаи милатанд” баргузор гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ дар кафедраҳо 18 ҷаласа баргузор гардид, ки дар онҳо 44 - масъала мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дода шуд.

## ИҶРОИ НАҚШАИ СЕМИНАРҲОИ МАХСУС ВА МАҚСАДНОК

Тибқи нақшаи тақвимии курсҳои такмили ихтисос ва курсу семинарҳои махсуси филиали Донишкада дар шаҳри Душанбе дар давраи ҳисоботӣ **16** семинарҳои махсус бо фарогирии **400** нафар омӯзгорон ба нақша гирифта шудааст, ки натиҷаи иҷрои он дар ҷадвали зерин оварда шудааст:

| № | Семинарҳои мақсаднок ва махсус | теъдоди семинарҳо | | теъдоди шунавандагон | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | нақша | иҷро | нақша | иҷро |
| 1. | Семинарҳои мақсаднок ва махсус тибқи Нақшаи тақвимии филиали Донишкада дар шаҳри Душанбе | 16 | 16 | 400 | 410 |
| **Ҳамагӣ:** | | 16 | 16 | 400 | 410 |

Тибқи нақшаи тақвимии семинарҳои махсус:

- аз санаи 30 то 31 – уми январи соли 2023 аз ҷониби омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ - риёзии филиали Донишкадаи такмили ихтисос дар шаҳри Душанбе - С. Ниёзов семинари махсус дар мавзуи «Роҳҳои омӯзиши муодилаҳои нишондиҳандагӣ, логарифмӣ ва таҳлили онҳо» дар заминаи Литсейи №4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе бо теъдоди 25 нафар омӯзгорони ноҳияҳои пойтахт (кормандон ва якчанд хонандаи фаъоли муассисаи номбурда, омӯзгорони фанни математикаи 4 ноҳияи пойтахт ) доир гардид;
- санаи 10 – 11-уми феврали соли 2023 семинари махсус бо иштироки 23 нафар шунавандагон – сармуҳосибони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияҳои пойтахт дар заминаи филиали Донишкадаи такмили ихтисос дар шаҳри Душанбе баргузор гардид. Дар семинар профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ - риёзии филиал - Фақеров Ҳ. ба шунавандагон оид ба мавзуи "Самтҳои асосии такмили низоми маблағгузории сарикасии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" маълумотҳои амиқу мушаххас дод;
- санаи 14 – 15 – уми марти соли 2023 тибқи нақшаи тақвимии семинарҳои махсус аз тарафи омӯзгори калони кафедра Қаҳоров М семинари махсус дар мавзуи «Нашъамандӣ. Бемориҳои сирояткунанда ва зарари он ба ҳаёти инсон» дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 6-и ноҳияи И. Сомонӣ гузоронида шуд. Дар семинар ҳайати омӯзгорони ноҳияҳои пойтахт бо теъдоди 25 нафар иштирок намуданд;
- санаи 11-12-уми апрели соли 2023 дар заминаи филиали Донишкадаи такмили ихтисос дар шаҳри Душанбе семинари махсус дар мавзуи "Мақсад ва вазифаҳои проблемагузорӣ дар дарс доир ба баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон" бо иштироки 23 нафар директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии пойтахт баргузор карда шуд. Масъули баргузории семинарро мудири кафедраи методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ – риёзӣ – Файзуллобекова М. ба уҳда дошта, онро дар сатҳи зарурӣ тавассути далелҳои асоснок ба роҳ монд;
- санаи 19-20-уми апрели соли 2023 бо иштироки 25 нафар омӯзгорони фанҳои табиӣ-риёзӣ доир ба мавзуи "Арзёбии дониш, малака ва маҳорат ба воситаи усули тестӣ" семинари махсус доир карда шуд. Семинарро дотсенти методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ – риёзии филиал – Каримзода Ш. гузаронид.
- санаи 17-18-уми майи соли 2023 дар заминаи филиал бо иштироки 25 нафар муовинои директор оид ба корҳои тарбиявӣ семинари махсус баргузор шуд. Семинарро прфессори кафедраи методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ – риёзӣ – Шарофзода Г. гузаронида, дар мавзуи "Нақши сарвари муассиса дар амалӣ сохтани мониторинги сифати таълим" ба шунавандагон маълумотҳои муфид дод.

- санаи 27- 28 - уми январи соли 2023 тибқи нақшаи тақвимии семинарҳои махсус аз ҷониби профессори кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ Маҷидова Б семинари махсус дар мавзуи "Методикаи таълими шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ" дар заминаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ бо шумораи 25 нафар мураббиёни муассисаҳои томактабӣ гузаронида шуд;
- санаи 09, 10 – уми марти соли равон аз ҷониби дотсенти кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ Қурбонова Г. дар мавзуи "Фаъолияти омӯзиши кӯдакон дар раванди таълим" дар заминаи филиали Донишкада дар шаҳри Душанбе ва рӯзи дуюм дар муассисаи таҳсилоти томактабии "Нури Шамс" бо теъдоди 45 нафар мураббиёни таҳсилоти томактабии шаҳри Душанбе семинари мазкур ташкил ва баргузор карда шуд.
- санаи 11-уми майи соли 2023 мудири кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои тамактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ – Паллаева С. семинари мақсаднок бо теъдоди 25 нафар омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимии пойтахт дар мавзуи "Аҳамияти бозиҳои дидактикӣ дар бой гардонидани таркиби захираи луғавии хонандагон" дар заминаи филиал гузаронид.
- санаи 11, 12-уми сентябри соли 2023 семинари мақсаднок зери роҳбарии Маҳмудов Д.- омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ - риёзӣ бо иштироки 21 нафар омӯзгорони фаннҳои таърих ва ҳуқуқи муассисаҳои таълимии пойтахт дар муассисаи таълимии № 53-и ноҳияи И. Сомонӣ дар мавзуи "Барнома ва нақшаҳои нави таълимии фанни таъриху ҳуқуқ ва роҳҳои истифодаи онҳо дар мактаб" баргузор карда шуд.
- санаҳои 19, 20 –уми сентябри соли 2023, Қурбонова Гулрухон, дотсенти кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ дар муассисаи таҳсилоти томактабии №117–и ноҳияи Фирдавсӣ семинари мақсаднок бо мураббияҳои муассисаҳои томактабии ноҳияи Фирдавсӣ дар мавзуи "Фаъолияти асосии бачагони синни томактабӣ" бо теъдоди 25 нафар гузаронид.
- санаҳои 9, 10 ноябри соли 2023 дар муассисаи таҳсилоти томактабии № 15-и ноҳияи И. Сомонӣ бо мураббияҳои муассисаҳои томактабии ноҳияи мазкур профессори кафедраи мазкур Маҷидова Бибиҳафиза дар мавзуи "Рушди малака ва маҳорати нутқии кӯдакон ва кор бо кӯдакони дорои имконияти маҳдудшуда дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумӣ" бо теъдоди 25 нафар шунаванда семинари мақсаднок гузарониданд.
- санаҳои 27, 28 –уми ноябри соли 2023 дар Филили Донишкада бо иштироки 25 нафар омӯзгорони фанни иқтисодиёти муассисаҳои пайтахт омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ - риёзӣ семинари махсус дар мавзуи "Таҳияи ва истифодаи тест дар таълими асосҳои иқтисодиёт" баргузор гардид.
- 12, 13 –уми декабри соли 2023 кормандони кафедра дар Филиал бо мураббияҳои муассисаҳои томактабӣ семинари махсус дар мавзуи "Нақши мураббия дар таълиму тарбия ва инкишофи кӯдакон. Сифатҳои касбии мураббия" гузарониданд, ки шумораи иштирокчиён 25 нафарро ташкил намуд.

Дар соли 2023 тибқи Нақшаи фаъолияти филиали Муассисаи давлатии "Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе" барои нимсолаи якуми соли 2023 дар кафедраҳои филиали Донишкада дар шаҳри Душанбе 1- то конференсия 6- то мизи мудаввар ба нақша гирифта шуда буд, ки иҷрои он дар ҷадвали зерин оварда шудааст.

Барои ба талаботи замон мутобиқ намудани раванди фаъолияти филиали Донишкада дар шаҳри Душанбе давра ба давра заминаҳои хуби корӣ фароҳам мегардад, аз ҷумла бахри ҷорӣ намудани низоми идоракунии автоматикунонидашуда ва нуқтаҳои электронии иттилоотӣ;

